# Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна **“Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”-и Садриддин Айнӣ”,** барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ

Осори лексикографии халқи тоҷик таърихи бисёрасра дорад ва ба назараи мо агар ба таҳия ва тадвини онҳо назар афканем дидан мумкин аст, ки се марҳилаи таърихиро фаро мегиранд. Марҳилаи аввал, давраи Сосониён (224-651) аст, ки замони тоисломии рушди луғатнигории миллати тоҷик ба шумор меравад. Аз ин марҳила то имрӯз луғатҳои дузабонае чун “Праҳанги Ойим-еваг” ва “Праҳанги паҳлавиг” боқӣ мондаанд ва ҳар кадом хусусият ва сохтори хоси худро дорад. Марҳилаи дуюм аз замони сулолаи Сомониён (819-999) сар шуда, то аввали асри XX идома ёфта, дар ин муддати дурударози таърихӣ беш аз дусад луғатнома ба вуҷуд омадааст, ки дар дунё ҳамто надоранд ва аз марҳилаҳои дурахшони таҳияи корҳои лексикографӣ ба шумор меравад. Марҳилаи сеюм, аз аввали асри XX то имрӯз аст, ки ин давраи рушду равнақи луғатнигорӣ буда, фарҳангҳои тафсирӣ, дузабона, бисёрзабона, соҳавӣ ва шевашиносии бениҳоят зиёде ба вуҷуд омадаанд, ки дар ташаккули ин соҳа нақши калон доранд.

Баррасии лингвистии ҳар яке аз ин луғатномаҳо дорои аҳамияти бузурги илмӣ мебошад. Яке аз луғатҳои тафсирии ин давра, ки аз тарафи устод С. Айнӣ дар солҳои сиюми асри гузашта навишта шудааст, “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик” мебошад. Зарурати таҳияи ин луғатро устод С. Айнӣ дар камшумор шудани луғатҳои давраи классикӣ ва душвор будани истифодаи онҳо қаламдод менамояд. Дар воқеъ ин луғатномаи устод С. Айнӣ бо хусусиятҳои тарзи нигориш, тафсири моддаҳои луғавӣ ва осон будани дастрасӣ ба калимаҳо аз беҳтарин луғатномаҳо ба шумор меравад. Дар луғатнома беш аз 11 ҳазор калима тафсир шудааст. Онҳо

бо хусусиятҳои лингвистии худ фарқ мекунанд ва аз ин ҷиҳат таҳқиқи забонии онҳо яке аз **масъалаҳои мубрами илмӣ** башумор меравад. Барои ҳалли ин масъала шогирд Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна камари ҳиммат баста, дар мавзуи "Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и Садриддин Айнӣ" диссертатсияи илмӣ пешниҳод намуд. Диссертатсия аз се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар он ба масъалаҳои мақом, мафҳум, мазмуну моҳият ва хусусиятҳои луғавию семантикии калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ ва иқтибосӣ аҳамияти махсус дода, баррасии сохтори калимаҳои тафсиршуда дар "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и Садриддин Айнӣ аз вазифаҳои илмии худ донистааст.

Зимни таҳқиқи масоили назариявии диалектизмҳо унвонҷӯ дуруст ба хулосаи илмие меояд, ки калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар се маврид: зимни таҳқиқи забони асарҳои бадеӣ, дар баррасиҳои шевашиносӣ ва ҳангоми тадвини луғатномаҳо таҳқиқи илмӣ шуда, гурӯҳи диалектизмҳои савтӣ, луғавӣ (хосса, маъноӣ, этнографӣ, иқтибосӣ) ва грамматикӣ (морфологӣ, калимасозӣ, синтаксисӣ) муайян гардидаанд. Дар кор аз ин масоили назариявӣ истифода шуда, гурӯҳҳои зиёди соҳавии луғати мазкур мавриди баррасии илмӣ қарор гирифта, хусусиятҳои муҳимми луғавию семантикии онҳо нишон дода мешавад.

Дар диссертатсия осори илмии донишмандони ватанию хориҷии марбут ба масоили иқтибосот таҳлил шуда, сабабҳои воридшавии иқтибосот ва моҳияту таъсири он ба забон нишон дода мешавад. Дар инъикоси калимаҳои иқтибосии арабию туркӣ ва дигар забонҳо луғатномаи устод С. Айнӣ саҳим арзёбӣ мегардад. Дар диссертатсия воҳидҳои луғавие, ки дар шаклҳои ҷамъи мукассару солим ва қолибҳои гуногуни арабӣ, ки ба забони тоҷикӣ ворид шудаанду дар луғатнома тафсир шудаанд баррасӣ шуда, дар ҳайати қабатҳои луғавӣ-тематикӣ таҳлил мегарданд.

Таҳлилҳои унвонҷӯ гувоҳи онанд, ки калимаҳои туркӣ-узбекӣ назар ба калимаҳои арабӣ дар луғатномаи устод С. Айнӣ хеле камтаранд, аммо

соҳаҳои зиёдеро фаро гирифтаанд. Аз ҷумла, номи ашё, анвои хӯрок, низомӣ, номи гиёҳ ва узви бадан, номи амал, макон, ҳайвонот, кору фаъолият ва мансаб, дафтардорӣ, номи қабила, халқ ва ғ.

Зимни баррасии сохтории калимаҳои тафсиршудаи луғатномаи устод С.Айнӣ аз назарияи мавҷудаи калимасозӣ истифода карда, қолибҳои калимаҳои сохтаю мураккаб мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Дар заминаи маводи луғати тафсирии устод С. Айнӣ унвонҷӯ ба ин хулоса меояд, ки дар ташаккули таркиби луғавии забон се воситаи асосӣ - калимасозӣ, тағйир ёфтани семантикаи калимаҳо ва иқтибосот нақши асосӣ доранд.

Дар маҷмуъ, мақсаду вазифаҳои дар назди унвонҷӯ гузошташуда пурра иҷро гардидаанд. Таҳлилҳо илмӣ буда, ба талабот ҷавобгӯянд. Мақолаҳои чопкарда мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Ҳамаи инро ба назар гирифта, корро анҷомёфта меҳисобам ва онро барои муҳокима ва дифоъ тавсия медиҳам.

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология, узви вобастаи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Р. Раҳматуллозода
28.02.2023

**Нишонӣ**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25,
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: saxidodi@list.ru
Тел.: +992 (37) 227 59 38; +992 (37) 227 78 29; дастӣ: (992) 919 00 21 78

Имзои С.Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам.
Мудири бахши умумӣ ва масъули хадамоти кадрӣ Ш.Абдуллоев

БАХШИ УМУМӢ